КОРХОНАИ ВОХИДИ ДАВЛАТИИ «АНГИШТИ ТОЧИК»
КОРХОНАИ ФАРЪИИ «КОНИ АНГИШТИ ЗИДДӢ»

ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ «АНГИШТИ ТОЧИК»
ДОЧЕРНЕЕ ПРЕДПРИЯТИЕ «КОНИ АНГИШТИ ЗИДДӢ»

шахри Душанбе, нохияи Шохмансур, хиёбони Рудаки 22/А,
тел: (+992) 919-55-69-66; (+992) 93-582-23-63

№ 70 аз «23» декабри с. 2021

Ба вазорати молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Корхоаи фаръии кони ангишти «Зиддӣ» хулосаи Аудити беруни барои соли молиявии 2020-ро ба Шумо пешниҳод менамояд.

Замима: дар ҳаҷми 28 саҳифа

Директори
КФ КА «Зиддӣ» Сайфуллоев Ҷ.А.

шух. Каримов Д.
28.12.21.

ВАЗОРАТИ МОЛИЯ
Р.В. №16292
24.12.2021 с

Сканировано с CamScanner

# Корхонаи фаръии “Кони ангишти Зиддӣ”-и КВД “Ангишти Тоҷик” Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳисоботҳои молиявӣ барои солҳои 2020,
ки 31 декабр ба анҷом расидааст.

**ва ҳисоботи аудитори мустақил**

Сканировано с CamScanner

## ҶАВОБГАРИИ РОҲБАРИЯТИ ҶАМЪИЯТ БАРОИ ТАЙЁР ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛИ 2020,КИ 31 ДЕКАБР АНҶОМ ЁФТААСТ.

Шаҳодатдиҳии зерин бо мақсади ҷавобгарии аудиторон, ки дар саҳифаи 4-5 ҳисоботи аудиторони мустақил оварда шудааст ва нишон додани масъулияти роҳбарияти Корхонаи фаръии «Кони аргишти Зиддӣ» (минбаъд Корхона) нисбати ҳисоботи молиявӣ дода шудааст.

Роҳбарияти Корхона барои таҳияи ҳисоботи молиявии ҳамаи тарафҳои муҳими ҳолати молиявиро эътимоднок иникоскунанда ҷавобгар мебошад, аз он ҷумла барои пешниҳоди ҳисобот оиди натиҷаҳои молиявӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ ва тағйирёбии сармояи худӣ дар соли 2020, ки 31 декабр хотима меёбад мутобиқи талаботҳои Стандартҳои Байналхалқии Ҳисоботи Молиявӣ (минбаъд СБҲМ) масъул ва ҷавобгаранд.

**Дар рафти таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти Корхона аз рӯи амалҳои зерин ҷавобгар аст:**

- Интихоби принсипҳои муносиби ҳисобгирии бухгалтерӣ ва истифодабарии мантиқии онҳо;
- Риояи талаботи СБҲМ ва ошкор намудани тамоми майлкуниҳои асосӣ дар ташреҳоти ҳисоботи молиявӣ;
- Омодасозии ҳисоботи молиявӣ дар асоси фарзия, ки Корхона дар ояндаи наздик фаъолияти худро идома медиҳад, бо истисноии ҳолатҳои, ки фарзия гирифтан ғайри имкон аст.

**Роҳбарият барои ҳолатҳои зерин низ масъул мебошад:**

- Таҳия, амалисозӣ ва таъмин намудани фаъолияти самараноки системаи назорати дохилии Корхона;
- Нигоҳдории системаи баҳисобгирии бухгалтерие, ки ҳама вақт тавоноии тайёркунии ахбороти сатҳи кифоятан дурустро оиди ҳолати молиявии Корхонаро дошта бошад ва мутобиқати ҳисоботи молиявиро ба талаботҳои СБҲ таъмин намояд;
- Пеш бурдани баҳисобгирии бухгалтерӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва қолабҳои муҳосиботи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Барои таъмини нигаҳдории молу мулки Корхона дар ҳудуди салоҳиятҳои худ чораандеши кунад;
- Ошкорсозӣ ва пешгирии ҳолатҳои қаллобӣ, хатогиҳо ва дигар намуди суиистифодабариҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли 2020, ки 31 декабр анҷом ёфтааст, аз тарафи роҳбарияти Корхона дар санаи «10» апрели с. 2021 тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбарияти Корхона:**

Сайфуллоев Ҷ.А.
Директор

Маҳмадалие Ш.Х.
Сармуҳосиб

Сканировано с CamScanner

ҶДММ «БИЗНЕС ТИМ»
ҶТ, ш. Душанбе,
734025, хиё. С.Шерозӣ 16

ООО «БИЗНЕС ТИМ»
РТ, г. Душанбе
734025, пр. С.Шерози 16

тел.:(44) 600 20 60
info@bt.tj
www.bt.tj

## ҲИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАҚИЛ

**Ба муассисони Корхонаи фаръии "Кони ангишти Зиддӣ"**

**Ҳисобот оид ба Аудити Ҳисоботи Молиявӣ**

***Ақида бо тавзеҳот***

Мо ҳисоботи молиявии Корхонаи фаръии "Кони ангишти Зиддӣ" (минбаъд "Корхона") - ро барои соли 2020, ки аз ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ, ҳисобот оид даромади умумӣ, ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ ва ҳисобот оид ба гардиши сармоя иборат аст, ва инчунин шарҳи ҳисоботи молиявӣ ва дигар сиёсатҳои ҳисобдории қобили таваҷҷуҳро, аудит гузаронидем.

Ба ақидаи мо, ба истисноии таъсири ҳолатҳои имконпазири дар қисмати асос барои изҳори *Ақида бо Тавзеҳот* овардашудаанд, ҳисоботи молиявии маҷмуии замимагардида, ҳолати молиявии Корхонаро ба 31 декабри соли 2020, нишондодҳои молиявии он ва гардиши воситаҳои пулии онро мувофиқи талаботҳои Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) инъикос менамояд.

***Асос Барои Изҳори Ақида***

Мо диққати шуморо ба Шарҳи 5 "Воситаҳои асосӣ" ҷалб менамоем, ки дар давоми соли 2019 ва 2020 харидори карда шудаанд ва аз эътибор соқит карда шудааст. Мушоҳида намудем,ки воситаҳои асосии воидшуда ва аз эътибор соқитшуда пурра ҳуҷҷатнок карда нашудаанд;

Дар Шарҳи 10 "Андозҳо барои пардохт" мушоҳида намудем,ки дар соли 2019 дар натиҷаи ҳисоб намудани андози бонуси обунавӣ ӯҳдадориҳои андозии Корхона яку якбора 68 164 687,0 сомонӣ зиёд гардида, дар давоми соли 2020 ба маблағи 11 239 670,0 сомонӣ боқӣ мондааст. Баҳс оиди ҳисоби ин намуди андоз то ҳол давом дорад ва ҳалли худро наёфтааст. Ин ҳолат ба натиҷаи молиявии Корхона низ таъсири манфии худро гузоштааст,ки сармояи худии Корхона ду соли паиҳам манфӣ арзёбӣ мешавад.Бинобарин, чунин меҳисобем,ки ин баҳс танҳо баъди хулосаи санҷиши фаъолияти Корхона аз тарафи мақомоти андоз ҳалли худро хоҳад ёфт;

Дар Шарҳи 23 "Сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ" Корхона "Сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ" ро барои пешбурди фаъолияти худ тариб надодааст;

Дар Шарҳи 30 "Фаъолияти бефосила"

Корхона ду соли паиҳам натиҷаи молиявии худро бо зарар ҷамъбаст намудааст,ки ин риояи принсипи "Фаъолияти бефосила" ро зери шубҳа мегузорад.

Мо аудити худро дар асоси Стандартҳои Байналмиллалии Аудит (СБА) гузаронидем. Ӯҳдадории мо таҳти стандартҳои зикргардида, дар қисмати Ӯҳдадориҳои Аудиторон дар Гузаронидани Аудити Ҳисоботи Моливӣ зикр гардидаанд. Мувофиқи талаботҳои Кодекси Этикии Ҳисобдорони Касбӣ (IESBA Code), ки аз ҷониби Ҳайати Байналмиллалии Стандартҳои Этики барои Ҳисобдорон қабул гардидааст, мо аз Ҷамъият вобастагӣ надорем, мустақил мебошем ва дигар ухдадориҳои этикии худро мувофиқи талаботҳои кодекси этикии зикргардида иҷро намудем.

### *Уҳдадориҳои роҳбарият дар тайёр намудани ҳисоботи молиявӣ*

Роҳбарият барои дурустии тартиб додан ва пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ дар мувофиқати бо Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ ӯҳдадор аст. Инчунин, роҳбарият ухдадор аст, ки низоми назорати дохилии Корхонаро тарзе ба роҳ монад, ки ба хатоӣ ё норасоӣ дар тартиб додани ҳисоботи молиявӣ роҳ надиҳад.

Сканировано с CamScanner